ТАҚРИЗ

ба кори таҳқиқотии Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна дар мавзуи «Хусусиятҳои савтӣ ва луғавию фразеологии матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2022. – 59 с.

Ба шарофати соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон таваҷҷуҳи олимони забоншинос ба масъалаи покизагии забон дучанд гардид ва ин марҳила ба пайдоиш ва доман паҳн кардани Воситаҳои ахбори омма шароити мусоид ба миён овард. Тамоми ВАО-и кишвар ба ҷузъ хабаррасонву таъсиррасонӣ боз вазифаи забономӯзиро низ адо мекунад. ногуфта намонад, ки як роҳи ҷалби аудиторияи васеъ интихоби дурусти воҳидҳои забон мебошад. Ин ҷанба ба донишу малака ва маҳорати журналистон иртиботи қавӣ дорад. Таҳқиқи дараҷаи забондонии аҳли қалам хусусиятҳои забонии матнҳои ВАО-ро ошкор менамояд, бинобар ин саривақтӣ ва муҳим мебошад.

Кори дисертатсионии Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна аввалин рисолаи илмиест, ки ба яке аз чунин мавзуъҳои муҳим ва то ҳол таҳқиқнашудаи медиалингвистика – хусусиятҳои савтӣ, луғавӣ ва фразеологии матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» бахшида шудааст. Муҳаққиқ чунин менигорад, ки дар давраи муосири инкишофи забон ба масъалаҳои мухталифи забони матбуоти тоҷик таваҷҷуҳ зоҳир шуда бошад ҳам, хусусиятҳои забониву услубии барномаҳои радиои тоҷик мавриди таҳқиқ карор нагирифтааст. Хусусан, забон ва услуби барномаҳои мухталифи он ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст ва ин иқдоми саривақтист.

Муҳаққиқ дар кори таҳқиқотиаш аз маводҳои дар матбуот чопшудаи инқирозии профессор Шилд, Дёкуф, Думбол дар мавриди паст нишон додани мақоми забони тоҷикӣ, то муборизаи зиёиёни тоҷик барои ташаккул ва мақоми забони адабии тоҷикро дар даврахои гуногун мисол меорад ва чунин менигорад, ки ин гуна талошҳо дар навиштаҳои

Т. Зехнӣ, С. Айнӣ, С. Ализода, Р. Ҳошим ва дигарон равшантар ба мушоҳида мерасад.

Пажуҳишгар бар он назар аст, ки дар забоншиносии тоҷик омӯзиш ва таҳқиқи забон ва услуби ВАО дар сатҳи матбуот кайҳо сар шудааст. Ҳанӯз аз солҳои 20-уму 30-юми асри гузашта олимону муҳаққиқони тоҷик ба таҳқиқи масъалаҳои мухталифи забони матбуоти тоҷик рӯй овардаанд, ки ин анъана то имрӯз давом дорад. Дар ин ҷода муҳаққиқ хизмати забоншиносону адабиётшиносони маъруфи тоҷик С. Айнӣ, Т. Зехнӣ, Р. Ҳошим, Н. Маъсумӣ, М. Шакурӣ, Ш. Рустамов, Т. Бердиева, Б. Камолиддинов, М. Қосимова, Ӯ. Холиқназар, М. Ҷ. Мирзоева, М. Р.Ҷӯраева, М. М. Мирзоева ва чанде дигаронро зикр мекунад.

Баъдан дар мақолаҳои ҷудогонаи С. Айнӣ, Т. Зехнӣ, Р. Ҳошим, Б. Азизӣ, А. Мунзим тозагии забони адабии тоҷик, хусусан, забони матбуот мавриди баррасқарор гирифтаанд.

«Омӯзиш ва таҳқиқи илмии забони ВАО, – мегӯяд муҳаққиқ, – дар забоншиносии тоҷик дар нимаи дуюми асри 20 сурат гирифта, аввалин таҳқиқоти монографӣ ба қалами Т. Бердиева мансуб аст. Мавсуф соли 1969 бо номи «Иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси материалҳои матбуоти солҳои 20-ум)» таҳқиқоти мукаммалро ба анҷом расонидааст, ки баъдан дар шакли монография нашр шудааст.

Сипас дар кори таҳқиқотиаш Мансурова М. аз як қатор асару мақолаҳо, корҳои таҳқиқотии Н. Маъсумӣ, М. Шакурӣ, Б. Камолиддинов, М. Қосимова. Ӯ. Холиқназар, С. Мирзоев, С. Назарзода, М. Ҷ. Мирзоева оид ба масъалаҳои гуногуни луғавӣ, грамматикӣ ва услубии забони матбуот андешаронӣ мекунад.

Ба қатори асару мақолаҳои публисистиву илмии ба низоми радио дар Тоҷикистон бахшидашуда таълифоти муҳаққиқон А. Саъдуллоев (2008), И. Усмонов (1995), А. Азимов (2005), С. Гулов (2005), С. Хоҷазод (2006), Д. Рустамова (2019) ва дигаронро меорад.

Муҳаққиқ дар кори таҳқиқотӣ мақсад гузоштааст, ки дар асоси маводи гуфторҳои барномаҳои фароғатии радиои «Тоҷикистон»

хусусиятхои савтӣ, луғавию фразеологии забони зиндаи тоҷикиро аз нуқтаи назари медиалингвистика мавриди омӯзиш қарор диҳад ва ба ин мақсад муваффақ ҳам шудааст. Дар ҷараёни таълифи рисола муҳаққиқ ба нуқтаи назари забоншиносони хориҷию ватанӣ В.В. Виноградов, Л.С. Пейсиков, Ю.А. Рубинчик, С.В.Хушенова, Н. Маъсумӣ, Р.Ғаффоров, М. Шукуров, М. Муҳаммадиев, Ҳ. Маҷидов. Б. Камолиддинов, Т. Хаскашев, М.М. Мирзоева, М. Р. Ҷӯраева ва дигарон такя намудааст. Ба сифати сарчашма як қатор барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Таҳқиқот кӯшиши аввалин барои маънидод кардани унсурҳои савтӣ, луғавӣ ва фразеологист, ки дар матни барномаҳо корбаст гардидаанд.

Қобили қайд аст, ки мухтавои асосии дисертатсия дар 8 мақолаи илмӣ ба табъ расидааст, ки 4-тоаш дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат буда, 170 саҳифаи чопи компютериро ташкил менамояд.

Инчунин дар рисолаи таҳқиқотӣ феҳристи зиёди адабиёти истифодашуда мавҷуд аст, ки он пурра ва тибқи тартиби муқарраргардида таҳия шудааст.

Таҳқиқот аз дониши хубу васеи назариявию амалии рисоланавис дарак медиҳад. Аз омӯзиши рисолаи мазкур бармеояд, ки муаллиф корро мустақилона ичро намуда, ба талаботу сохтор ва таркиби рисолаи илмӣ риоя кардааст. Матни рисола бо мундариҷаи он мувофиқат мекунад.

Дар асоси омӯхтани адабиёти илмии соҳавӣ, маводи таълимӣ, гузаронидани таҳлилҳо, муқоисаву таҷрибаҳо муаллиф ба ҳалли мавзуи дар наздаш гузошташуда муваффақ шудааст. Мавзуи рисола то ҳанӯз ба пуррагӣ дар илми муосир баррасӣ нашудааст, бинобар ин интихоби онро дуруст ва актуалӣ ҳисобидан мумкин аст.

Дар баробари дастовардҳои илмию таҳқиқотӣ зикри чанд норасоиеро, ки ба чашм расиданд, лозим медонем:

1. Агар маводи амалии рисола ба ду гурӯҳ: а) сухани тасвирии журналист ва б) сухани ҳамсуҳбат ҷудо карда мешуд, муайян намудани вижагиҳои забонии онҳо мушаххасан сурат мегирифт.

2.Дар замони имрӯза ҳангоми пешниҳоди мавод дар шакли нақшаву диаграммаҳои муосир пешниҳод мегардид, ҳусни кор меафзуд.

3.Дар автореферат ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ (10) ва аломати китобат (17) ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳоро ҳангоми омода намудани диссертатсия дар шакли монография ба чоп салоҳ медонем.

Камбудиҳои нишондодашуда тавсиявӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Рисолаи Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна дар мавзуи «Хусусиятҳои савтӣ ва лугавию фразеологии матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон»» мантиқан анҷомёфта, пурмуҳтаво ва ҷавобгӯйи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он – Мансурова М.А. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мебошад.

Муқарриз:
дотсенти кафедраи методикаи
таълими забон ва адабиёти
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Бобомуродова Маҳбуба

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ А. Мустафозода

«05» декабри соли 2022